**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**КАФЕДРАИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ**

# БАРНОМАИ

тахрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ барои
магистрантони ихтисоси 1-25010403-андоз ва андозбандӣ

Душанбе – 2022

**Барномаи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ бо Қарори ҷаласаи Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон №7/4.16 аз 23.02.2022 сол ба нашр тавсия дода шудааст.**

Муаллифон: н.и.и., дотсент Шукуров С.М.
муаллими калон Шодиев Ф.Т.

Муқарризон:
1. Ҷабборов А.А. - д.и.и., профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
2. Давлатов Х.М. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

*Дар барномаи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ маҷмӯи масъалаҳои фаъолияти таҷрибаомӯзии магистрант дар шакли назариявию амалӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар барнома тарз ва воситаи гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ, шакл ва намудҳои муосири он дарҷ гардида, тартиби ташкил ва рушди фаъолияти таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ, махсусиятҳои он, хоса барои магистрантони соҳаҳои иқтисодӣ ва барномарезӣ баррасӣ шудаанд.*

*Магистрантон бо истифода аз дастури мазкур метавонанд бо навиштани мақолаву маҳорати педагогӣ машғул шаванд. Дастури мазкур имконият медиҳад, ки магистрантон дар раванди таҷрибаомӯзӣ корҳои лабораторӣ, навиштани мақолаҳои илмӣ, тартиби гузаштани дарсҳои амалиро аз худ намоянд.*

## 1.Муқаррароти умумӣ

Таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ яке аз қисматҳои ҷудонашавандаи тамоми системаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ буда ба магистрантон азхудкунии фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва тадқиқотиро дар мувофиқа бо талаботҳои Стандарти олии касбии ВМИҶТ ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доир ба ихтисоси 1-25010403 – андоз ва андозбандӣ пешбинӣ гардидааст. Таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ имконият медиҳад, ки магистрантон ба фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ тамаркуз гардида, дар натиҷа базаи назариявии рисолаи магистрӣ ташкил карда шавад. Консепсияи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогии магистрантони ДДМИТ ба муносибати босалоҳият такя намуда, айни ҳол аҳмияти умумиқабулгардида пайдо карда ва бо чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ тасдиқ мегардад:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли 2013 с. № 7;
- Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тасдиқи стандарти давлатии таълимии самти «Молия ва қарз», ихтисоси 1-25010403 аз «____» ________ соли _____ №_________;
- Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 106-109 «Низомнома оид ба низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 3.1-и «Низомнома доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён»-и ДДМИТ»;

## 2. Навъи таҷрибаомӯзӣ, тарз ва шакли баргузории он

Яке аз таҷрибаомӯзии асосӣ аз рӯи барномаи таълимии маълумотҳои олӣ ДДМИТ (сатҳи магистратура) таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ мебошад.

Таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ бо мақсади бадастории қобилияти касбӣ ва таҷрибаи фаъолияти амалӣ гузаронида мешавад.

Ташкили таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ дар шаклҳои – кори мустақилона, машғулияти фардӣ; шакли аттестатсияи фосилавӣ – санҷиш баамал бароварда мешаванд.

### 2.1. Тарзи гузаштани таҷрибаомӯзӣ:

Тарзи асосии гузаронидани таҷрибаомӯзӣ сайёрӣ ва ғайрисайёрӣ шуда метавонад.

Таҷрибаомӯзии ғайрисайёрӣ метавонад дар ташкилот гузаронида шавад ё ташкилоти соҳавӣ, ҷойгиршуда дар атрофи шаҳри Душанбе, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷойгир шудааст.

Таҷрибаомӯзии ғайрисайёрӣ дар сохтори ДДМИТ гузаронида мешавад ё дар муассисае, ки дар атрофи шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст.

**2.2. Шакли гузаронидани таҷрибаомӯзӣ:**

Таҷрибаомӯзи фосилавӣ гузаронида мешавад: аз рӯи давраҳои таҷрибаомӯзӣ – бо роҳи муттасил дар тақвими ҷадвали таълимӣ давраҳои вақти таълимӣ барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо давраҳои вақти таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои назариявӣ.

Яъне таҷрибаомӯзӣ метавонад фосилавӣ аз рӯи шакли он (илмӣ-педагогӣ ё илмӣ-тадқиқотӣ дарҷ гардида дар нақшаи таълим) гузаронида шавад.

**3. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ**

Мақсади таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ ин – азхудкунии салоҳият дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, ташаккулдиҳии ҷаҳонбинии касбӣ дар соҳаи илмӣ мувофиқ ба барномаи таълимии магистр мебошад. Барои бадастории мақсади гузошташуда ба магистранти ихтисоси 1-25010403 – андоз ва андозбандӣ зарур аст, ки вазифаҳои зеринро иҷро намояд:

- рушди қобилияти истифодаи донишҳои гирифта дар соҳаи маълумоти касбӣ дар фаъолияти илмӣ- педагогии худ, дар зери дастури илмии тадқиқотҳои маҳаллӣ бо тасвияи далелӣ ва хулосаҳо;

- банизомдарорӣ ва мукаммалгардонии донишҳои назариявӣ ва амалӣ аз рӯи ихтисоси мувофиқ, истифодаи он ҳангоми ҳалли мушаххаси масъалаҳои касбӣ дар соҳаи илм;

- такмилдиҳии усулҳои кори мустақилона (ҷудокунӣ, таҳлил ва омӯзиши адабиёти мувофиқ аз рӯи муаммои тадқиқотӣ; равшан намудани системаи истифодашавандаи истилоҳи илмӣ; таҳлили ҳолати назарияи педагогӣ ва амалӣ аз рӯи муаммои таҳқиқшаванда, баҳогузории ҳалли он дар шароити муосир);

- такмилдиҳии фарҳанги фаъолияти илмӣ- педагогӣ ва илмӣ - тадқиқотӣ, ташаккулдиҳии услуби фардии фаъолияти педагогӣ;

- такмилдиҳии малакаи корӣ бо адабиёти тадқиқотӣ.

**4. Рӯйхати натиҷаҳои банақшагирифта аз азхудкунии барномаи таҷрибаомӯзӣ.**

Дар натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ магистрант бояд кордониҳои зеринро дар мувофиқат бо Стандарти давлатии маориф ва илми маълумоти олӣ аз худ намояд:

- қобилият ба фикрронии мавҳумӣ, таҳлил, таҷзия, қобилияти мукаммалгардонӣ ва рушди зеҳнӣ ва сатҳи умумифарҳангии худ;

- омодагӣ ба амал кардан дар ҳолатҳои ғайристандартӣ, бурдани ҷавобгарии иҷтимоӣ ва этикӣ барои қабули қарор;

- қобилият ба азхуднамоии мустақилона ва истифодаи усулҳои нави тадқиқот, барои азхуднамоии соҳаи нави азхуднамоии касбӣ;

Дар натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ магистрант бояд донишҳо, маҳорати амалӣ, малака, таҷрибаи фаъолияти зеринро азхуд намояд:

- мутобиқгардонии дастовардҳои муосири илм ва технологияҳои илмғунҷоиш ва ҷараёни маориф;

- истифодаи усулҳои муосири тадқиқоти илмӣ дар соҳаи мувофиқ;

- таҳлил ва баҳогузории ташвиқии назария, консепсия, муносибатҳои гуногун ба ташкили системаи омӯзиши бетанаффус;

- истифодаи усулҳои математикӣ, оморӣ ва микдорӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои касбӣ;

- истифодаи донишҳои дастурҳои назариявӣ доир ба муаммои дидашаванда дар фаъолияти илмӣ- педагогӣ;

- дар худ бедор намудани маҳорати педагогӣ

**5. Ҷойи баргузории таҷрибаомӯзӣ дар сохтори ДДМИТ**

Гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ муҳим буда, бо равия ва таркиби ихтисоси барномаи магистратура 1-25010403 – андоз ва андозбандӣ мувофиқат мекунад. Таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ алоқаи зич бо чунин фанҳо: «Сиёсати андози муосир ва дурнамои рушди низоми андози ҶТ», «Таҷрибаи низоми андози мамлакатҳои пешрафта», «Усулҳои аудити андозбандӣ дар корхонаҳо», «Андозбандии амалиёти молиявӣ», «Ҳуқуқи андоз», «Менеҷменти андоз» ва ғ. дорад. Таҷрибаомӯзии илмӣ-тадқиқотӣ баъди азхуднамоии он фанҳое гузаронида мешавад, ки барои тасвияи базаи методологии тадқиқот мусоидат намуда, дониш ва қобилияти зарурии кор бо адабиёти илмиро ташаккул дода, бо муаммоҳои муосири илм ва тадқиқот ошно намуда, имкон медиҳад, ки шавқи илмӣ ва интихоби мавзӯи илмӣ-тадқиқотииояндаи худро магистрант муайян намояд.

**6. Муддати таҷрибаомӯзӣ**

Таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ асосан дар кафедраи тахассуси гузаронида мешавад. Ҳаҷми таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ мувофиқи нақшаи таълимии ихтисос 12 кредитро дар бар гирифта мувофиқи нақшаи таълим дар 3-нимсола гузаронида мешавад.

**7. Вақти баргузории таҷрибаомӯзӣ**

Мӯҳлати гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ аз тарафи ДДМИТ дар мувофиқат бо нақшаи таълимӣ ва ҷадвали тақвимии ҷараёни таълим бо баҳисобгирии омодагии назариявии магистрантон, имкониятҳои базаи таълимӣ-истеҳсолии ДДМИТ ва ташкилотҳои соҳавӣ, ки таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад муқарар мегардад.

Гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ дар курси 1-ум ва 2-юми таҳсил (моҳи март) мувофиқи нақшаи таълимӣ барои ихтисоси 1-25010403 – андоз ва андозбандӣ пешбинӣ гардидааст.

**8. Технологияҳои таълимӣ ва иттилоотӣ**

Барои бомуваффақият гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ магистрант метавонад навъҳои зерини таъминоти барномавӣ-иттилоотиро истифода намояд: системаи китобхонаҳои электронии беруна, саҳифаи Интернети донишгоҳ, китобхонаи электронии донишгоҳӣ, воситаҳои барномавӣ ва захираҳои электронии маориф.

- Китобхонаи электронии ДДМИТ» [Захираҳои электронӣ]. – сомона барои воридшавӣ :http://www.tgfeu.tj.
- Комиссияи олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираҳои электронӣ]. – сомона барои воридшавӣ :http://www.vak.tj.
- Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Захираҳои электронӣ]. – сомона барои воридшавӣ: http:// www.kmt.tj
- Elibrary [Захираҳои электронӣ]. – сомона барои воридшавӣ: http://www.elibrary.ru
- Китобхонаи электронии ДМТ, [Захираҳои электронӣ]. – сомона барои воридшавӣ: http://www.tgnu.tarena.tj.
- Китобхонаи электронии ДСРТ, [Захираҳои электронӣ]. – сомона барои воридшавӣ: http://www.rtsu.tj.

**9. Шароитҳои моддӣ-техникии таҷрибаомӯзӣ**

Агар таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ бо хоҳиши магистрант берун аз донишгоҳ дар ягон ташкилоту муассисаҳои дигар гузаронида шавад, пас

шароити гузаштани таҷрибаомӯзӣ (бо пардохти маош ё бе пардохти маош) дар мувофиқаи магистрант ва роҳбари ташкилот (муассиса) баамал баровaрда мешавад.

Ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар сохтори ДДМИТ бе муқаррар кардани музди маош ё дигар пардохтҳо баргузор карда мешавад.

Инчунин таҷрибаомӯзӣ метавонад дар муассисаҳои таълимии касбӣ, олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳо гузаронида шаванд.

Барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо худ доштани захираҳои аудио ва видеогӣ, техникаи компютерӣ, Интернет, ва дигар лавозимот зарур аст.

## 10. ТАРКИБИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

### 10.1.Шароит ва шакли иҷозат ба таҷрибаомӯзӣ

Омодагии магистрант ба таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ аз доштани иҷозат ба гузаштани он оғоз мегардад. Иҷозат ба магистрант ҳангоми гузаштани аттестатсияи давраи нимсолаи соли таҳсил аввал ҳангоми иҷрои нақшаи инфиродӣ дар ҷаласаи кафедра дода мешавад. Мақсад аз додани иҷозат ин боварӣ ба фаъолӣ ва омодагии магистрант оиди иҷрои корҳои илмӣ, фанҳои азхуднамудаи ӯ ва амалигардонии корҳои педагогӣ мебошад.

Шартҳои додани иҷозат барои гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ ин:

- доштани мавзӯи тасдиқгардидаи рисолаи магистрӣ ва нақшаи кории мувофиқашуда бо роҳбари илмӣ;
- иҷозати роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра (роҳбари илмӣ) дар асоси муошировати фардӣ, бо мақсади баҳогузории омодагии назариявии магистрант дар доираи талаботҳое, ки нисбати таҷрибаомӯзӣ муқарар гардидааст;
- надоштани қарзи академӣ (дар мувофиқа бо шӯъбаи тайёрии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ) ва натиҷаҳои ғайриқаноатбахш дар давраи омӯзиши нимсолаи аввал;
- иштироки ҳатмӣ дар семинари кафедравӣ пеш аз оғози таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ;
- иштироки ҳатмӣ дар дарси устодони ботаҷрибаи кафедра;

**10.2. Натиҷаҳо (марҳилаҳо) ва намудҳои корҳои таълимӣ дар таҷрибаомӯзӣ**

Ташкил ва гузаштани барномаи таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ амалигардонии се марҳиларо пешбинӣ мекунад: омодагӣ, илмӣ ва анҷомёбӣ.

Қисми аввали таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ ба омӯзиши адабиёти илмӣ дар китобхонаи ДДМИТ, бо ҷалби базаи китобхонаи электронӣ доир ба мавзӯи тадқиқотӣ бо мақсади ташаккули асосҳои назариявии кори илмӣ бахшида мешавад.

Қисми дуввум ба мукаммалгардонии омӯзиши усулҳои илмӣ-тадқиқотӣ, мувофиқи мавзӯи рисолаи магистрии магистрант равона карда мешавад. Кори магистрант дар давраи таҷрибаомӯзӣ дар мувофиқат бо мантиқи кор аз болои рисолаи магистрӣ ташкил карда мешавад: муайяннамоии муаммо, объект ва предмети тадқиқот; тасвияи мақсад ва вазифаҳои тадқиқот; таҳлили назариявии адабиёти илмӣ вобаста ба мавзӯъ, ҷудокунии сарчашмаҳои мувофиқ, таҳияи тахминҳои корӣ, асосноккунии муқаддима ва батанзимдарории натиҷаҳои тадқиқот.

Магистрант бо сарчашмаҳои ибтидоӣ, монографияҳо, авторефератҳо, тадқиқотҳои рисолавӣ ва китобҳои дарсиву лексияҳо кор карда бо роҳбари илмӣ ва мудири кафедра машварат мекунад. Хулоса дар раванди гузаштани таҷрибаомӯзӣ магистрант на танҳо маълумотро оиди дарс, Инчунин, варианти охирини қисми назариявии корро бояд ба роҳбари илмӣ пешниҳод намояд.

Роҳбарии намуди мавҷудаи таҷрибаомӯзиро роҳбари магистр, роҳбари илмии барномаи магистрӣ амалӣ мегардонад. Базаи таҷрибаомӯзии илмӣ-тадқиқотӣ ин Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт, китобхона ва китобхонаи электронии ДДМИТ мебошад. Иқтидори илмӣ-техникии сохторҳои Донишгоҳ, ки ба сифати базаи таҷрибаомӯзӣ баромад мекунад, имкони ҳал намудани вазифаҳои таълимӣ ва илмие, ки дар барномаи таҷрибаомӯзии магистрант гузошта шудааст муваффақона мусоидат мекунад.

*Марҳилаи омодагии таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:*

1. Гузаронидани семинари батартибдарорӣ;
2. Муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ;

3. Шиносоӣ бо талаботҳои гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ;

4. Омодагии ҳуҷҷатҳо барои ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ;

5. Қобилияти амалӣ намудани барномаҳои таълимии замонавӣ, ташкили курсҳои таълимии тахассусӣ барои донишҷӯёни бакалавриат;

*Марҳилаи илмии* гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

- *Марҳилаи ташкилӣ*

1. Шиносоӣ бо таркиб ва таҷрибаи фаъолияти илмии ДДМИТ, дастовардҳои илмии он;

2. Шиносоӣ бо самтҳои асосии фаъолияти илмии кафедра оид ба КИТ

3. Шиносоӣ бо фонди китобхонаи ДДМИТ ва базаи электроне, ки Донишгоҳ дастрасӣ дорад.

- *Марҳилаи илмӣ-тадқиқотӣ*

Тасвияи муаммо ва мақсади тадқиқот:

- асосноккунии мавзӯи тадқиқотӣ;
- асосноккунии объект ва предмети тадқиқот;
- гузориши мақсад ва вазифаҳои тадқиқот;
-сатҳи коркарди мавзӯӣ тадқиқотшаванда;
- муайянкунии усулҳо ва сарчашмаҳои тадқиқот;
- таҳияи нақшаи корӣ ва ҷадвали иҷроиши тадқиқот (заммимаи 1).

*Марҳилаи анҷомёбӣ*

Марҳилаи мавҷуда давраи баанҷомрасии таҷрибаомӯзӣ буда аз магистрант ҷамоварии маводҳои мувофиқ аз рӯи барномаи таҷрибаомӯзиро кофӣ ва дуруст талаб мекунад.

Магистрант натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидаро ба намуди мақола, тезис, ҳисобот омода намуда бо роҳбари илмӣ мувофиқа мекунад. Ҳуҷҷатҳои ҳисоботро оид ба таҷрибаомӯзӣ бо маърӯза ва муаррифӣ омода ва батартиб медарорад.

Натиҷаҳои интизорӣ аз таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ:

- донистани низомномаи асосии методологияи тадқиқоти илмӣ ва тавонистани истифодаи онҳо ҳангоми кор бо рисолаи магистрӣ;
- истифода бурда тавонистани усулҳои муосири ҷамънамоӣ, таҳлил ва коркарди иттилооти илмӣ;
- ҷобаҷо гузошта тавонистани донишҳои илмӣ оид ба муаммои тадқиқот дар намуди ҳисобот, маърӯза ва муаррифӣ;

- қобилияти истифодаи технологияи муосири замонавӣ, нигоҳ доштан, коркард ва пешниҳоди иттилоот, кор бо пойгоҳҳои дониши тақсимшуда дар шабакаҳои глобалӣ;

- қобилияти эҷоди ақидаи нав дар асосӣ тадқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ;

- қобилияти омоданамоии худ барои идоракунӣ, васеъ кардани ҳудуди донишҳои илмӣ ва касбӣ худ;

- қобилияти истифодабарии усулҳои навин ва воситаҳои махсус дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва педагогӣ;

- матни мақолаи омодашуда дар мавзӯи рисолаи магистрӣ ва нашри он.

Баанҷомрасонии ҷамъбасти таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ

1. Муаррифии ҳуҷҷатҳо оид ба тадқиқотбарии илмӣ- педагогӣ (заммимаи 3).

2. Баҳогузории кори магистрӣ.

3. Ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ.

4. Бо итмоми таҷрибаомӯзӣ мудири кафедраи комиссия созмон дода мешавад, ки магистрантон ҳисоботашонро дар ҳузури он ҳимоя мекунанд.

5. Магистрантоне, ки ҳисоботро пешиҳод намекунанд ва ё баҳои ғайриқаноатбахш мегиранд, ба аттестатсия роҳ дода намешавад.

Магистрант дар раванди таҷрибаомӯзӣ ӯҳдадор:

- дар мӯҳлати муайяншуда иҷро кардани ҳамаи корҳое, ки барномаи таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ пешбинӣ намудааст;

- дар мӯҳлати муайяншуда ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои ҷорӣ ва ҷамъбастии ҳисобот;

- дар ҷойи таҷрибаомӯзӣ на кам аз 6 соат ҳозир будан дар як рӯз;

- риоя намудани қоидаҳои тартиботи дохилии базаи таҷрибаомӯзӣ, супоришҳои маъмурият, роҳбари таҷрибаомӯзӣ.

Дар ҳолати иҷро накардани талаботҳои барнома магистрант метавонад аз таҷрибаомӯзӣ маҳрум карда шавад.

Магистрант ҳуқуқ дорад:

- меъёр ва шакли баҳогузорие, ки роҳбари таҷрибаомӯзӣ истифода мебарад, донад;

- иттиоотро оиди базае, ки таҷрибаомӯзӣ мегузарад, дар чорчӯбаи барномаи гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ дастрас намояд;

- аз супориши кормандони базаи таҷрибаомӯзӣ даст кашад дар ҳолате, ки ин супориш ба таҷрибаомӯзӣ ягон алоқамандӣ надошта бошад;

**10.3.Давраҳои гузаштани таҷрибаомӯзӣ**

Давраҳои гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ бо тақсимоти вақт барои иҷроиши ҳар як вазифаи таҷрибаомӯзӣ дар ҷадвали 1 тасвир гардидааст.

**Ҷадвали 1. Давраҳои гузаштани таҷрибаомӯзӣ**

| № | Номгӯи қисматҳо (марҳилаҳо), намуди кор ва таркиби фаъолият | Соат |
|---|---|---|
| 1 | Марҳилаи омодагии таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ | 2 |
| | Муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ. Шиносоӣ бо талаботҳо оид ба гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ. Тайёр намудани ҳуҷҷатҳо барои ҳисоботи таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ. | 4 |
| | Банақшагирии кори таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ бо роҳбари илмӣ | 2 |
| | Шиносои бо нақшаи сарбории роҳбари таҷрибаомӯзӣ | 2 |
| | Шинос шудан бо фанҳои кафедраи тахассусӣ | 2 |
| | Иштирок дар дарсҳои устодони ботаҷриба на кам аз 10-соат | 10 |
| 2 | Марҳилаи илмии таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ | 1 |
| | Шиносоӣ бо таркиб ва таҷрибаи фаъолияти илмии ДДМИТ, базаи тадқиқотии он. Ошноӣ бо самтҳои асосии фаъолияти илмии кафедра оид ба маълумотҳои КИТ. Шиносоӣ бо фонди китобхонаи ДДМИТ ва базаи китобхонаи электронӣ. | 4 |
| | Муайянкунии муаммо ва мақсади тадқиқотбарӣ: асосноккунии мавзӯи тадқиқотӣ; дарҷи объект ва предмети тадқиқот; гузориши мақсад ва вазифаҳои тадқиқот; муайяннамоии усулҳо ва сарчашмаҳо; таҳияи нақшаи корӣ ва ҷадвали иҷроиши тадқиқотбарӣ. | 4 |
| | Таҳлили таърихии асарҳои илмии мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба мавзӯи тадқиқотӣ; таҳияи рӯйхати адабиёт оид ба кори илмӣ-тадқиқотӣ; ҷамъоварии сарчашмаҳо доир ба мавзӯъ; таҳлил ва коркарди иттилооти бадастоварда. | 4 |
| | Иштирок дар кори семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конфронсҳои кафедравӣ. Иштирок дар амалигардонии лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва барномаҳое, ки кафедра | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| | амалӣ гардонида истодааст. Тайёр кардан ва нашри маърӯзаҳо, мақолаҳои илмӣ, баромад дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ (лоақал 1-адад). | |
| 3 | Марҳилаи анҷомёбии таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ | 2 |
| | Батавсибдарорӣ ва муаррифии ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ | 2 |
| | Иштирок дар семинари ҷамъбастӣ | 2 |
| | Тайр намудани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ дар шакли хаттӣ ва намоишӣ (призентация). | 2 |
| | Ҳимояи таҷрибаомӯзӣ | 1 |
| | Ҷамъи соатҳо | 48 |

**10.4.Рӯйхати тақрибии вазифаҳо**

Дар давраи гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ магистрант навъҳои зерини вазифаҳоро иҷро мекунад.

1.Иштирок дар семинарҳои методӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедра;

2.Иштирок дар амалигардонии лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, иҷро шаванда дар доираи барномаи илмӣ-тадқиқотии кафедра, грантҳо;

3.Тайёрӣ ва нашри маърӯзаҳо, мақолаҳои илмӣ, баромадҳо дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, сатҳи байналмилалӣ (на кам аз 1-адад);

4.Омӯзиши адабиёт, таҳияи рӯйхати адабиёт доир ба мавзӯи магистрӣ;

5.Шиносоӣ бо методикаи илмӣ, дарсдиҳӣ, технологияи истифодаи онҳо, роҳҳои коркарди маълумотҳои амалӣ ва шарҳи онҳо;

6.Коркарди методологияи шахсии тадқиқоти илмӣ;

7.Гузаронидани тадқиқот доир ба рисолаи магистрӣ.

**10.5. Шаклҳои пешниҳоди натиҷаҳои вазифаҳои иҷрошуда**

Шаклҳои пешниҳоди натиҷаҳои таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ ин: кори мустақилонаи фардӣ; ҳисобот доир ба таҷрибаомӯзӣ, муаррифии натиҷаи тадқиқот дар шакли ҷадвал, расм, схема ва ғ. мақолаҳо.

**10.6. Меъёрҳои баҳогузории вазифаҳои иҷрошуда ва натиҷаи фаъолияти магистрант.**

Аз рӯи натиҷаи таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ ва тафтиши ҳуҷҷатҳои зарурии магистрант санҷиши тафриқавӣ бо баҳо барои фаъолияти илмӣ- педагогӣ гузошта мешавад.

*Баҳои "аъло" дар ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ гузошта мешавад, агар магистрант:*

- барномаи таҷрибаомӯзиро пурра иҷро карда бошад;
- барои ҳисобот ҳамаи ҳуҷҷатҳоро, бо батартибдарории муқарраршуда пешниҳод намояд;
- малака ва маҳорати тайёрӣ ба кори мустақилонаро аз худ карда бошад;
- дар тадриси дарс, истифодаи усули салоҳиятнок ва кушодани мавзӯъ ба донишҷӯён озод бошад;
- истифодаи истилоҳоти махсус ва адабиётро тавонад;
- мавҷудияти назари шахсӣ ва хулоса доир ба муаммои тадқиқотӣ дошта бошад.

*Баҳои "хуб" дар ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ гузошта мешавад, агар магистрант:*

- барномаи таҷрибаомӯзиро пурра иҷро карда бошад;
- барои ҳисобот ҳамаи ҳуҷҷатҳоро, бо батартибдарории муқарраршуда пешниҳод намояд;
- малака ва маҳорати тайёрӣ ба кори мустақилонаро аз худ карда бошад;
- дар тадриси дарс, истифодаи усули салоҳиятнок ва кушодани мавзӯъ ба донишҷӯён озод бошад;
- истифодаи истилоҳоти махсус ва адабиёт нокофӣ;
- мавҷудияти қисмии назари шахсӣ ва хулоса доир ба муаммои тадқиқотӣ.

*Баҳои "қаноатбахш" дар ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ гузошта мешавад, агар магистрант:*

- барномаи таҷрибаомӯзиро қисман иҷро карда бошад;
- барои ҳисобот қисман ҳуҷҷатҳоро, бо батартибдарории муқарраршуда пешниҳод намояд;
- дар тайёрӣ ба кори мустақилона мушкили кашад;
- дар тадриси дарс, истифодаи усули салоҳиятнок ва кушодани мавзӯъ ба донишҷӯён озод бошад;
- истифодаи истилоҳоти махсус ва адабиёт нокофӣ;
- мавҷудияти қисмии назари шахсӣ ва хулоса доир ба муаммои тадқиқотӣ.

*Баҳои “ғайриқаноатбахш” дар ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ гузошта мешавад, агар магистрант:*

- мавҷуд набудани ҳисобот ва иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ;
- ҳуҷҷатҳое, ки пешниҳод мекунад барои таҷрибаомӯзӣ пурра мувофиқат намекунад;
- кори мустақилонаро умуман иҷро накардааст;
- барои азхуд намудани методикаи дарс ба дарсҳои омӯзгорони кафедра қисман даромадааст;
- истифодаи истилоҳоти махсус ва адабиёт мавҷуд нест;
- мавҷуд набудани қисмии назари шахсӣ ва хулоса доир ба муаммои тадқиқотӣ.

## 11. ФОНДИ ВОСИТАҲОИ БАҲОГУЗОРӢ

### 11.1. Талаботҳо ба баҳогузории фаъолияти магистрант дар таҷрибаомӯзӣ

*Дар натиҷаи амалигардонии таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ қисматҳои зерин баҳогузорӣ карда мешаванд:*

Иштирок дар чорабиниҳо:

- иштирок дар семинари пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ;
- шиносоӣ бо сохтори ДДМИТ, сохтори кафеда ва базаи илмии муассиса;
- иштирок дар семинарҳои методӣ, конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ.

Тасвияи муаммо ва мақсади тадқиқот:

- асосноккунии мавзӯи тадқиқотӣ;
- дарҷи объект ва предмети тадқиқот;
- гузориши мақсад ва вазифаҳои тадқиқот;
- муайянкунии усулҳо ва сарчашмаҳои тадқиқот;
- таҳияи нақшаи корӣ ва ҷадвали иҷроиши тадқиқот.

Таҳияи назариявии муаммо:

- таҳлили осори илмии мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ;
- таҳияи рӯйхати адабиёти ва сарчашмаҳои тадқиқотӣ;
- таҳлил ва коркарди иттилоотҳои бадастовардашуда;
- иштирок дар дарси омӯзгорон ва азхуднамоии методикаи дарс;
- ҳисоботи хаттӣ доир ба баанҷомрасии боби аввали рисолаи магистрӣ;
- матни мақолаҳои омодагардидаи рисолаи магистрӣ.

### 11.2. Шаклҳои назорати ҷории азхудкунӣ.

Шаклҳои назорати ҷории азхудкунии магистрантон дар ҷараёни таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ дар намуди иҷроиши нақша доир ба тадқиқоти илмӣ, батартибдарории тезисҳо ё мақола, иштирок ба дасри омӯзгорони таҷрибадор ва ҳисобот оиди тадқиқоти гузаронидашудаи кори илмӣ амалӣ гардонида мешавад.

Навъи воситаи баҳогузорӣ барои гузаронидани аттестстияи ҷорӣ мувофиқи марҳилаҳои таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ дар мувофиқат бо намуди дарҷгардидаи салоҳияти касбии магистрант аз рӯи ихтисоси мувофиқ кокард карда мешавад.

### 11.3. Шакли аттестатсияи фосилавӣ.

Ҳангоми аттестатсияи фосилавии магистрант натиҷаи баҳоӣ таҷрибаомӯзӣ баназар гирифта мешавад. Шакли аттестатсияи фосилавии натиҷаи таҷрибаомӯзӣ вобаста ба талаботи нақшаи таълимӣ сурат гирифта, мувофиқ ба низомномаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ва ихтисос мебошад.

Аттестатсияи фосилавӣ барои курсҳои якум (аз курс ба курс гузаронидан) дар кафедраи тахассусӣ гузаронида шуда, натиҷаи он дар шакли нусха аз суратҷалаи кафедра ба Шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ равона карда мешавад.

Дар анҷоми таҷрибаомӯзӣ магистрант ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз ДДМИТ ҳисобот доир ба натиҷаҳои гузаштани таҷрибаомӯзӣ пешниҳод мекунад, ки маводҳои зеринро дар бар мегирад:

- рӯйхат ва ҳуҷҷатҳое, ки ба дарсҳо ворид гардид;
- матни мавзӯъҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар раванди дарс истифода намуд бо имзои омӯзгор;
- корҳои анҷомдода оид ба рисолаи магистрӣ (нақшаи корӣ, сарсухан, боби 1-ум)
- мақолаҳо ва маърӯзаҳое, ки омода намуд;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда доир ба иштирок дар семинар ва конференсияҳо.

Барои таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ навъи аттестатсияи фосилавӣ ин санҷиш бо баҳо (“аъло”, “хуб”, “қаноатбахш”, “ғайриқаноатбахш”) мебошад.

Магистранте, ки барномаи таҷрибаомӯзиро бо сабабҳои узрнок иҷро накардааст, аз рӯи нақшаи инфиродӣ, бо фармоиши ректори донишгоҳ такроран ба таҷрибаомӯзӣ равон мегардад.

Магистранте, ки барномаи таҷрибаомӯзиро бе сабаб иҷро накардааст ё аттестатсияи фосилавриро оид ба таҷрибаомӯзӣ нагузаштааст, қарзи академӣ ҳисобида шуда, ба аттестатсияи фосилавӣ роҳ дода намешавад.

**11.4. Шакли ҳисобот доир ба таҷрибаомӯзӣ.**

Шакли назорати фаъолияти таҷрибаомӯзии магистрант, номгӯй ва шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ:

- ҳисобот доир ба ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ, бо тасдиқи роҳбари илмии магистрант;
- рӯзномаи таҷрибаомӯзии илмӣ- педагогӣ, омодагардида дар мувофиқат бо вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ;
- тасвири тадқиқотҳои назариявӣ дар шакли реферат (боби 1);
- тезис барои навиштани мақола аз рӯи ҷамъбасти тадқиқот;
- тавсифномаи фаъолияти таҷрибаомӯзии магистрант аз тарафи роҳбари илмӣ.

Сохтори ҷадвалии назорати ҷории азхудкунӣ ва аттестатсияи фосилавии магистрант аз рӯи навъи мушаххаси таҷрибаомӯзӣ дар ҷадвали 2 таҷассум гардидааст.

**Ҷадвали 2. Талаботҳо ба натиҷаҳои азхудкунии ТТ МО, тафтишшаванда дар давраи гузаштани “Таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ” ва мувофиқати номгӯи вазифаҳо, таъминкунандаи сатҳи омодагии касбии магистрант**

| Талаботҳо ба натиҷаҳои азхудкунии ТТ МО, | Натиҷаҳои банақшагирифта шудаи азхудкунии барномаи тачрибаомӯзӣ | Марҳилаҳо ва намудҳои корҳои таълимӣ дар тачрибаомӯзӣ | Вазифаҳои таъминкунандаи сатҳи омодагии касбии магистр | Шакли пешниҳоди натиҷаи вазифаи иҷрошуда | Меъёрҳои баҳогузории иҷроиши сифати вазифаҳо | Ишора оид ба иҷроиш, баҳо, таҳлили мушаххас, мулоҳизаҳои мураббӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қобилияти фикрронии абстрактӣ, таҳлил, таҷзия, қобилияти такмилдиҳӣ ва рушди сатҳи зеҳнӣ ва умумӣ фарҳангии худ | доштани тачриба: интихоби қоида ва роҳҳои фаъолияти маърифатӣ вобаста ба талаботи мақсад | Марҳилаи батартибдарории тачрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | Гузаронидани семинтари фаҳмондадиҳӣ; муайянкунии мақсад ва вазифаи тачрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ; | Иштирок дар семинари фаҳмондадиҳӣ; омӯзиши барномаи тачрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | Иштирок и магистрант дар семинарҳо | Ишора оид ба иҷроиш |
| Қобилияти | доштани | марҳилаи | Шиносоӣ бо | нақшаи | мачудият\ | мулоҳиза |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ташаккули базаи захиравӣ-иттилоотӣ барои амалигардонии фаъолият дар соҳаҳои гуногун | таҷриба: донишҳои касбӣ дар асоси истифодабарии сарчашмаҳои аслӣ, инчунин электорнӣ ва ба забонҳои гуногун | асосии таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | таркиб ва таҷрибаи фаъолияти илмии ДДМИТ, зерсохторҳои он. Дида баромадани самтҳои асосии фаъолияти КИТ кафедра. Шиносоӣ бо фонди китобхонаи ДДМИТ ва базаи электронӣ | иҷроиши барномаи таҷрибаомӯзӣ, ҷамъоварии маълумотҳои назариявӣ | ғоиб будани нақшаи тадқиқотбарӣ дар чорчӯбаи мавзӯи РМ | и мураббӣ, ишора оид ба иҷроиш |
| Омодагии истифодаи донишҳо ба муаммоҳои муосири илм ва таълим | доштани таҷриба: таҳлил ва баҳогузории танқидии назарияҳои гуногун, консепсияҳо, усулҳои таълим ва тадриси дарс | марҳилаи асосии таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | Иштирок дар семинарҳои методӣ ва КИТ кафедра. Иштирок дар амалигардонии лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ. | маълумоти таҳлилӣ аз рӯи ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ | санҷиши тафриқавӣ | ишора оид ба иҷроиш, баҳогузорӣ, таҳлили мушаххас |
| Қобилияти амалигардонии рушди шахсӣ ва касбӣ, рушди минбаъдаи таълимӣ ва кареераи касбӣ. | доштани таҷриба: истифодаи дониши дастури назариявӣ аз рӯи муаммои тадқиқотшаванда | марҳилаи асосии таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | Омӯзиши адабиёт, таҳияи рӯйхати адабиёти рисолаи магистрӣ | ҳисобот аз рӯи натиҷаи таҷрибаомӯзӣ, коркарди алгоритми навиштани мақола | санҷиши тафриқавӣ | ишора оид ба иҷроиш, баҳогузорӣ |
| Қобилияти роҳбарӣ ба корҳои тадқиқотӣ | доштани таҷриба: мутобиқгардонии дастовардҳои муосири илм ва технологияҳои илмӣба ҷараёни таълим | марҳилаи асосии таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | Шиносоӣ бо методикаи илмӣ, технологияи истифодаи он, қобилияти коркарди маълумотҳои эмперикии бадастоварда | коркарди тасвири технологияҳо и истифодашуда барои батартибдории мақолаи | санҷиши тафриқавӣ | ишора оид ба иҷроиш, баҳогузорӣ |
| Қобилияти таҳлили | доштани таҷриба: | марҳилаи асосии | Коркарди методология и шахсии | Батартибдории варианти | санҷиши тафриқавӣ | ишора оид ба иҷроиш, |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| натичаи тадқиқотҳои илмӣ, истифодаи онҳо ҳангоми вазифаҳои мушаххаси илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи илм ва маориф, мустақилона амалигардони и тадқиқотҳои илмӣ | шарҳи услҳои муосиритадқи қотҳои илмӣ дар соҳаи предметӣ; таҳлили ташвиқии иттилоотҳои илмӣ | тачрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | тадқиқотҳои илмӣ | мақола | | баҳогузорӣ |
| Омодагӣ ба истифодаи қобилияти креативии фардии ҳалли вазифаҳои тадқиқотӣ | доштани тачриба: ташкил ва амалигардони и роҳи ояндадори рушди касбӣ бо ҳисоби тамоюли инноватсионӣ дар маълумоти муосир | марҳилаи асосии тачрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | Гузаронидани тадқиқотҳои рисолаи магистрӣ | варианти мақола | санчиши тафриқавӣ | ишора оид ба ичроиш, баҳогузорӣ, таҳлили мушаххас |
| Қобилияти балоиҳагирии шакл ва усулҳои назорати сифати маориф, навъҳои гуногуни маводҳои назоратӣ-ченкунӣ, инчунин бо истифодаи технологияҳо и иттилоотӣ ва баҳисобгирии тачрибаи ватанӣ ва хоричӣ | доштани тачриба: истифодаи усулҳои математикӣ, оморӣ ва миқдорӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои касбӣ | марҳилаи ниҳоии тачрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | Ичроиши барномаи тачрибаомӯзӣ, батартибдарорӣ ва муаррифии ҳуччатҳо оид ба тачрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ | Омодакунӣ ва нашри маърӯза, мақолаи илмӣ, баромад дар конференсияҳо | санчиши тафриқавӣ | мулоҳиза и мураббӣ, ишора оид ба ичроиш |

# 12. ТАЪМИНОТИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДОЛОГӢ ВА ИТТИЛООТИИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ИЛМӢ-ПЕДАГОГӢ

## 12.1. Адабиёти асосӣ

1. Загвязинский, В.И. Методология и методы психолого-педагогического исследования: учеб. пособие для студентов вузов по специальностям: 050706 (031000) – Педагогика и психология; 050701 (033400) – Педагогика / В.И. Загвязинский, Р. Атаханов. – 7-е изд.; стер. – М.: Академия, 2012. – 206, [2] с.

2. Качественные и количественные методы психологических и педагогических исследований: учеб. для студентов вузов, обучающихся по направлению подготовки 050400 "Психолого-педагогическое образование" (уровень бакалавра) / [В.И. Загвязинский и др.]; под ред. В.И. Загвязинского. – М. : Академия, 2013. – 237, [2] с.

3. Выполнение научно-исследовательской работы студентами : метод. указания / Владим. гос. ун-т ; сост.: А. А. Шишелов, Е. В. Дмитриева, А. М. Игнатов. - Владимир : Изд-во Владим. гос. ун-та, 2006. - 28 с.

4. Основы экспериментального исследования в методике обучения иностранным языкам: учеб. метод. пособие [для студентов пед. вузов]: направление подгот. 050100.62 – Педагогическое образование (квалификация (степень) "бакалавр") : профиль "Образование в области иностранного языка" / Департамент образования и молодёж. политики Ханты-Манс. авт. округа – Югры, ГОУ ВПО ХМАО - Югры "Сургут. гос. пед. ун-т"; [авт.-сост. Н. В. Гераскевич]. – Сургут: [РИО СурГПУ], 2013. – 148, [1] с.

5. Программа научно-исследовательской и научно-педагогической практик магистрантов/ Т.М. Шпильман, В.В. Романов ; Оренбургский гос. ун-т. - 2010. - 27 с.

## 12.2.Адабиёти иловагӣ

6. Гераскевич, Н.В. Аутентичный текст социокультурного характера как объект исследований в методике обучения иностранным языкам: [монография] / Н.В. Гераскевич; Департамент образования и молодёж. политики Ханты-Манс. авт. округа – Югры, ГОУ ВПО ХМАО - Югры "Сургут. гос. пед. ун-т". – Сургут : РИО СурГПУ, 2013. – 204, [1] с. Загвязинский, В.И. Исследовательская деятельность педагога: учеб. пособие для студентов вузов / В.И. Загвязинский. – М.: Академия, 2006. – 176 с.

7. Лазарев, В.С. Подготовка будущих педагогов к исследовательской деятельности / В.С. Лазарев, Н.Н. Ставринова; Сургут. гос. пед. ун-т. – Сургут: РИО СурГПУ, 2007. – 162 с.

8. Лазарев, В.С. Психологическая готовность педагогического коллектива к инновационной деятельности / В.С. Лазарев, Т.Н. Разуваева; Сургут. гос. пед. ун-т. – Сургут: РИО СурГПУ, 2009. – 195 с.

9. Лазарев, В.С. Система подготовки будущих педагогов к исследовательской деятельности: монография / В.С. Лазарев, Н.Н. Ставринова; Департамент образования и молодёж. политики Ханты-Манс. авт. округа, ГОУ ВПО ХМАО – Югры Сургут. гос. пед. ун-т. – Ханты-Мансийск: Тип. "Печатное дело", 2010. – 209, [1] с.

10. Преподаватель вуза: технологии и организация деятельности / Под ред. С.Д. Резника. – М., 2010. – 389 с.

11. Научно-педагогическая практика студентов, обучающихся по программе подготовки магистров «Прикладная статистика и эконометрика»/ Ю.В. Сажин, Н.Н. Подольная, В.А. Басова ; Мордов. ун-т. - Саранск, 2007. - 15 с.

12. Научно-педагогическая практика: метод. рекомендации / С.И. Дворецкий, Е.И. Муратова, С.В. Варыгина ; Тамб. гос. техн. ун-т. - Тамбов, 2004. - 32 с.

13. Положение о порядке проведения практик обучающихся в Воронежском государственном университете по направлению подготовки 080100 - Экономика (степень - Магистр экономики). - Воронеж : ГОУ ВПО «Воронежский государственный университет», 2006. - 16 с.

**12.3.Интернет-захираҳо**

14. Бобкова, И.А. Классификация методов обучения иностранным языкам [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://59313s003.edusite.ru/ DswMedia/tezisyikkonferencii.doc

15. Методы исследования в методике обучения иностранным языкам [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://doshkolnuk.com/metody-issledovaniya

16. Методы педагогических исследований [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://ieducator.ru/vopros9

17. Методы педагогического исследования [Электронный ресурс] – Режим доступа: http:// www.grandars.ru/ college/ psihologiya/ metody-pedagogiki.html

18. Сластёнин, В. Исаев И. и др. Глава 6. Методология и методы педагогических исследований [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.gumer.info/ bibliotek_Buks/ Pedagog/ slast/06.php

**Замима 1**

**Тақриз ба сатҳи донишазхудкунии магистрант ҳангоми таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ**

**Ном ва насаби магистрант________________________________________**

**Гуруҳ ва ихтисоси магистрант_____________________________________**

| **№** | **Меъёри арзёбӣ** | **Баҳогузорӣ** | | | | **Эродҳои роҳбари илмӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2** | **3** | **4** | **5** | |
| **1** | Аз худнамоии мавзӯ | | | | | |
| **2** | Мантиқан баён кардани мавзӯ | | | | | |
| **3** | Хусусияти баён кардани маводҳои таълимӣ | | | | | |
| **4** | Услуб ва инъикоси муаррифии мавзӯ | | | | | |
| **5** | Дар вақти муайянгардида баён кардани фикру ақида | | | | | |
| **6** | Сатҳи суханварии магистрант | | | | | |
| **7** | Дар раванди таълим истифода бурдани маводҳо тавассути технологияи иттилоотӣ | | | | | |
| **8** | дар раванди дарс маҳорати магистрант | | | | | |
| **9** | Маълумотнокӣ, баёни ақида дар раванди дарс | | | | | |
| **10** | Хатогиҳо дар раванди дарс | | | | | |
| **11** | Халли мушкилоти ҷойдошта | | | | | |
| **12** | **Масъалагузорӣ дар раванди дарс** | | | | | |

**Баҳои умумӣ ба магистрант_________**

**Ном ва насаби роҳбари илмии магистрант_______________**

**Замимаи 2**

Нақшаи кории магистрант оид ба таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ

________________________________________________

Ном, насаб, номи падар

№

Таркиби қисматҳои кор, навъҳои асосии фаъолият______________

Мӯҳлати иҷроиш________________________

Ишораҳо доир ба иҷроиш_____________

Имзои роҳбари барномаи магистрӣ___________

Имзои магистрант________________________

**Замимаи 3**

Ҷадвали гузаронидани тадқиқот дар ҷараёни таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ

№__________

Сана_______________

Тасвири фаъолият______________

Натиҷаи фаъолият______________

Имзои роҳбари илмӣ_____________
Роҳбари илмии барномаи магистрӣ___________________________

Имзои магистрант______________________________

**Замимаи 4**

**Намунаи муқоваи ҳисоботи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогии магистрант**

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**Шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ**

**Кафедраи андоз ва андозбандӣ**

# Ҳисобот

оид ба таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ

базаи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ_______________

Роҳбари барномаи магистрӣ_____________________

Ном, насаб, номи падар Имзо, сана

Роҳбар аз кафедра дотсент Ном, насаб, номи падар Имзо, сана

Душанбе 20__